**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи
Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

Накши воситаҳои асосӣ дар раванди истеҳсолот, хусусиятҳои такрористеҳсолкунии онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ талаботи махсусро нисбат ба иттилоот оид ба мавҷудият, ҳаракат, ҳолат ва истифодабарии воситаҳои асосӣ муайян мекунанд. Дар баробари ин, шароити муосири хоҷагидорӣ маълумоти саҳеҳ ва мукаммалро дар бораи воситаҳои асосӣ талаб мекунад. Чунин маълумот дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташакул ёфта, тавассути ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон пешкаш карда мешавад.

Истифодабарандагон ба иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ таваҷҷуҳи хоса дошта, эҳтиёҷоти гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо ба ин иттилоот гуногун мебошад. Бинобар ин, ҳисоботи молиявӣ бояд маълумоти ҳаматарафаро дар бораи мавҷудият, ҳолат, ҳаракат ва истифодабарии воситаҳои асосӣ дар бар гирад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, дар корхонаҳои муосир низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ташкил карда мешавад, вале дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар ин қитъаи баҳисобгирӣ мушкилоти гуногуни дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ ба миён меоянд, ки ҳалли худро талаб мекунанд. Ҳамаи ин муҳимии интихоби мавзуи диссертатсия ва мубрамии онро тасдиқ мекунад.

Тавре аз таҳлили муҳтавои автореферат бармеояд, довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти худ иттилооти зиёд дорад, ки дар асоси омӯзиши адабиёт, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва таҳқиқи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ ташаккул ёфтаанд.

Автореферат гувоҳӣ медиҳад, ки бахши назариявию методологии таҳқиқот барои илми муҳосибии муосир арзишнок аст, дар он ҷиҳатҳое баррасӣ шудаанд, ки дар дигар корҳои илмии ба ҳамин самти баҳисобгирӣ

дахлдор ба назар намерасанд. Аз ҷумла, ақидаи муаллиф дар бораи алоқамандии мафҳумҳои бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд, чун «дороиҳои гардон», «дороиҳои доимӣ», «сармояи асосӣ», «фондҳои асосӣ» ҷолиб аст. Инчунин муаллиф таърифи мафҳуми воситаҳои асосиро аз нигоҳи худ таҳия кардааст, ки барои шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ мақбул ба назар мерасад.

Дар таҳқиқот нуктаҳои аз ҷиҳати методологӣ ҷолиб низ зиёд мебошанд. Масалан, дар ҷадвали 1 (саҳ. 12-и автореферат) муаллиф тартиби ташаккули арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ – таҷҳизоти истеҳсолиро бо истифодаи мисоли намунавӣ тасвир намудааст, ки барои амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ арзиши баланд дорад. Ҳамчунин барои беҳтар намудани инъикоси хароҷот дар арзиши аслии воситаҳои асосӣ ҳисобҳои таҳлилӣ пешниҳод карда шудаанд, ки имконияти ҳисобҳои таркибии дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳо овардашударо васеъ мекунанд.

Ҷанбаи муҳими аз дигар корҳои илмии ба баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд фарққунандаи таҳқиқоти мазкур ин аст, ки дар он масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар якҷоягӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ баррасӣ шуда, аз натиҷаи тақиқи онҳо хулоса ва тавсияҳои барои амалияи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ муфид таҳия карда шудаанд. Хусусан, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф доир ба такмили сиёсати истеҳлок, муҳимии баҳисобгирии истеҳлок, ҳалли мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар доираи баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз арзишнок мебошанд. Вобаста ба ҷиҳатҳои мазкур муаллиф тавсияҳои асоснок пешниҳод кардааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертасия дар баробари бартариҳои қайдгардида, инчунин баъзе камбудиҳо низ дорад, ки онҳоро бояд қайд кунем.

1. Муаллиф дар ҷадвали 3 (саҳ. 19-и автореферат), ки бо тафсири методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ алоқаманд аст, аз усули хаттии ҳисобкунии истеҳлок истифода бурдааст, ҳол он ки чанде пештар, дар саҳ. 18 ӯ барои ҳисобузам кардани истеҳлоки воситаҳои асосӣ истифодаи усули истеҳлоки босуръатро пешниҳод кардааст.

2. Ҳангоми омӯзиши вазъи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда вазифаҳои асосии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Аммо мушкилот ва камбудиҳои дар баҳисобгирии ҳаракати

воситаҳои асосӣ ҷойдошта ошкор карда нашудаанд. Хуб мебуд, агар ҳангоми омӯзиш ва арзёбии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои мушаххас холати вокеии баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ арзёбӣ карда мешуд ва барои ҳалли мушкилоти дар ин самти баҳисобгирӣ ҷойдошта тавсияҳо таҳия карда мешуданд.

Камбудиҳои қайдкардашуда муҳим набуда, ба баҳои мусбати умумии диссертатсия таъсир намерасонанд, эродҳои нисбат ба онҳо пешниҳодшуда тавсиявӣ мебошанд.

Хулосаи умумӣ, оид ба диссертатсия, ки дар асоси автореферати он таҳия шудааст, чунин аст:

Автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» фишурдаи таҳқиқотро ифода карда, муқаррарот ва нуктаҳои асосии онро дар бар мегирад. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он Каримиён Мадинаи Баҳодур барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Толибов Қ.Қ.**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Толибов Қ.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Пирзода С.С.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2. **Тел.:** (+992) 918-61-81-77, **E-mail:** tguk@mail.ru

17.05.2024 с.